**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шаропов Фарух Сафолбекович дар мавзуи «Омӯзиши химиявии метаболитҳои дуюмаи растаниҳои равғаниатридор тавассути усули хроматографияи газӣ – масс спектрометрӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ пешниҳод гардидааст.**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи зиёди гиёҳҳои шифобахш мерӯянд, ки ҳар кадоми онҳо дорои таркиби кимиёвӣ ва хосиятҳои фарқкунандаи табобатӣ мебошанд. Ин растаниҳо аз замонҳои қадим дар тибби халқӣ барои муолиҷаи бемориҳои гуногун ба таври васеъ истифода гардида, имрӯз низ ҳамчун манбаи моддаҳои фаъоли биологӣ аҳамияти калони илмӣ-амалӣ доранд.

Кори диссертатсионии Шаропов Ф.С. ба омӯзиши химиявии метаболитҳои дуюмаи растаниҳои равғаниатридор, ки дар минтақаҳои гуногуни ҷуғрофӣ, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Олмон, Яман ва Непал мерӯянд, бахшида шудааст. Аввалин маротиба дар миқёси ҷаҳон таркиби химиявии метаболитҳои дуюмаи тезбухоршавандаи як қатор растаниҳо, аз ҷумла *Allochrusa gypsophiloides, Anaphalis virgata, Angelica ternata, Artemisia leucotricha, Artemisia vachanica, Cercis griffithii, Ferula clematidifolia, Galagania fragrantissima, Helichrysum thianschanicum, Megacarpaea gigantea, Philadelphus purpureomaculatus, Polychrysum tadshikorum* ва *Salvia discolor* омӯхта шудаанд.

Дар автореферати дисертатсия ба масъалаи идентификацияи пайвастаҳои химиявӣ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Хусусан, хусусиятҳои масс фрагментҳои порашудаи молекулаҳо ҳангоми таҳлил бо усули хроматографияи газӣ – масс спектрометрӣ (ХГ-МС) баррасӣ гардидаанд. Муаллиф тавонистааст 662 пайвастаи химиявиро муайян ва идентификация намояд, ки онҳо ба синфҳои гуногуни моддаҳои органикӣ, аз қабили карбогидрогенҳо (қатори этиленӣ ва атсетиленӣ, ароматикӣ, монотерпенӣ ва сесквитерпенӣ), спиртҳо, фенилпропаноидҳо, эфирҳои сода, эпоксидҳои монотерпенӣ ва сесквитерпенӣ, алдегидҳо, кетонҳо, лактонҳо, эфирҳои мураккаб, пайвастаҳои дисулфидӣ ва нитрогендор мансуб мебошанд. Натиҷаи муҳими дигари тадқиқот ошкор намудани қонунияти вобастагии байни сохтор ва фаъолияти биологии метаболитҳои омӯхташуда мебошад. Натиҷаҳои омӯзиши *in silico* фаъолияти антиоксидантӣ, зиддибактериявӣ ва зиддисаратонии онҳо нишон медиҳанд, ки монотерпенҳои асиклӣ, пайвастаҳои алифатӣ ва сулфидӣ хосияти нисбатан заиф, монотерпенҳои сиклӣ ва монотерпеноидҳо хосияти миёна, дар ҳоле ки сесквитерпеноидҳо ва лактонҳои сесквитерпенӣ хосияти қавӣ нишон медиҳанд.

Кори диссертатсионӣ аз ҷиҳати таҷрибавӣ ва назариявӣ дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, натиҷаҳо ва хулосаҳои пешниҳодшуда

боэътимод ва асоснок мебошанд. Новобаста аз дастовардҳои назаррас, баъзе нуқсонҳои хусусияти ҷузъӣ дар кори пешниҳодшуда мушоҳида мешаванд, ки аҳамияти умумии илмии онро коста намегардонанд. Ба онҳо аз ҷумла чунин эродҳо дохил мешаванд:

1. Интихоби объектҳои таҳқиқот дар асоси кадом шартҳо сурат гирифтааст?
2. Механизмҳои таъсири биологии равғанҳои атрӣ кам шаҳр дода шудааст.

Автореферати диссертатсияи Шаропов Ф.С. дар мавзуи «Омӯзиши химиявии метаболитҳои дуюмаи растаниҳои равғаниатридор тавассути усули хроматографияи газӣ – масс спектрометрӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ пешниҳод шудааст, аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои докторӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Доктори илмҳои биология, профессор,
узви вобастаи АМИТ, мудири
озмоишгоҳи биохимияи фотосинтези
Институти ботаника, физиология ва генетикаи
растании АМИТ Абдуллоев А.

Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 299/2,
Тел.: (+992) 918-61-28-42,
E-mail: abdumanon@mail.ru

Имзои Абдуллоев А.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти ботаника, физиология
ва генетикаи растании АМИТ Умарова Н.С.

734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Карамов 27.
Тел.: (+992-37) 224-71-88; 225-80-83. E-mail: ibfgr@bk.ru

«05» 08 соли 2025